ПУБЛИЧНАЯ ОФЕРТА
на заключение лицензионного договора о передаче права использования
программы для ЭВМ «EskhataSigner»

Республика Таджикистан, город Худжанд

Дата размещения: 03.05.2022

Дата вступления в силу: 04.05.2022

Редакция Оферты: 1.0

Место публикации Оферты: https://eskhata.com/for_entities/business/

## 1. ТЕРМИНЫ И ОПРЕДЕЛЕНИЯ

В тексте настоящей оферты используются следующие термины и определения:

1.1. Оферта - настоящий документ на заключение лицензионного договора о передаче права использования программы для ЭВМ «EskhataSigner», размещенный по Месту публикации Оферты.

1.2. Лицензиар - ОАО «Банк Эсхата» реквизиты и контактные данные которого указаны в разделе 8 Оферты.

1.3. Лицензиат - физическое или юридическое лицо, осуществившее Акцепт Оферты.

1.4. Программа для ЭВМ «EskhataSigner» («EskhataSigner») - совокупность программных средств, реализующих функциональность, описанную в технической документации к «EskhataSigner». Исключительные права на «EskhataSigner» принадлежат ОАО «Банк Эсхата».

1.5. Программа для ЭВМ «Эсхата Бизнес» («Эсхата Бизнес») - совокупность программных средств, устанавливаемых на территории Лицензиата и банка, в котором обслуживается Лицензиат, реализующих функциональность, описанную в технической документации к «Эсхата Бизнес».

1.6. Лицензия - право использования «EskhataSigner» в определенном Офертой составе, передаваемые Лицензиаром Лицензиату на условиях простой (неисключительной) лицензии.

1.7. Лицензионный договор - договор между Лицензиаром и Лицензиатом о передаче права использования «EskhataSigner», заключаемый посредством Акцепта Оферты.

1.8. Акцепт Оферты - полное и безоговорочное принятие Оферты путем осуществления действий, указанных в разделе 3 Оферты.

1.9. Стороны, Сторона - совместно или по отдельности, именуемые Лицензиар и Лицензиат.

1.10. Устройство - компьютер, смартфон или другие устройства, позволяющие устанавливать и запускать «EskhataSigner».

## 2. ПУБЛИЧНАЯ ОФЕРТА

2.1. Изложенный ниже текст является публичной офертой в соответствии со статьей 467 Гражданского кодекса Республики Таджикистан.

2.2. Настоящая Оферта представляет собой содержащее все существенные условия договора и адресованное физическим и юридическим лицам предложение заключить Лицензионный договор на изложенных ниже условиях.

2.3. Используя любыми способами «EskhataSigner», Лицензиат соглашается с тем, что:

- Лицензиат заранее ознакомился с условиями Оферты в полном объеме до начала использования «EskhataSigner».

- Начало использования Лицензиатом «EskhataSigner» в любой форме означает, что Лицензиат принимает все условия Оферты в полном объеме без каких-либо изъятий и ограничений со стороны Лицензиата. Использование «EskhataSigner» на иных условиях не допускается.
- Если Лицензиат не согласен с условиями Оферты или не имеет права на заключение Лицензионного договора, Лицензиату следует незамедлительно прекратить любое использование «EskhataSigner», стереть содержимое «EskhataSigner» и все её части на своем Устройстве и не использовать «EskhataSigner» никоим образом.
- Оферта (в том числе любая из ее частей) может быть изменена Лицензиаром без какого-либо специального уведомления. Новая редакция Оферты вступает в силу с момента ее размещения по Месту публикации Оферты, если иное не предусмотрено новой редакцией Оферты.
- Лицензиат признает, что ни один пункт настоящей Оферты не означает передачу (предоставление) Лицензиату иных прав на «EskhataSigner», кроме права использования способами, предусмотренными Офертой.

## 3. АКЦЕПТ ОФЕРТЫ И ЗАКЛЮЧЕНИЕ ЛИЦЕНЗИОННОГО ДОГОВОРА

3.1. Акцепт Оферты производится путем копирования (загрузки) «EskhataSigner», ее установки на Устройство Лицензиата.

3.2. Акцептом Оферты также считается выражение согласия Лицензиата с условиями Оферты путем проставления знака («галочки») в соответствующем поле при установке «EskhataSigner» на Устройство Лицензиата.

3.3. Договор считается заключенным и приобретает силу с момента Акцепта Оферты Лицензиатом.

## 4. ИСКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПРАВА ЛИЦЕНЗИАРА

4.1. «EskhataSigner» в целом и включаемые в ее состав или используемые совместно с ней программы для ЭВМ, базы данных, справочно-информационные и прочие текстовые материалы, изображения и иные объекты авторских и/или смежных прав, а равно объекты патентных прав, товарные знаки, коммерческие обозначения и фирменные наименования, а также иные части «EskhataSigner» (независимо от того, входят ли они в их состав или являются дополнительными компонентами, и возможно ли их извлечение из их состава и использование самостоятельно) в отдельности (далее - Объекты интеллектуальной собственности), защищены в соответствии с Частью III, Раздела V, ст.1126 Гражданского кодекса Республики Таджикистан и принадлежат Лицензиару в форме исключительного права, если иное не указано в уведомлении о правах.

4.2. Лицензиар сохраняет исключительные права на любые результаты переработки (модификации) Объектов интеллектуальной собственности и вправе в любое время отозвать свое разрешение на их использование по своему усмотрению без компенсации каких-либо расходов Лицензиату.

## 5. ЛИЦЕНЗИЯ

5.1. Лицензиар предоставляет Лицензиату право использования «EskhataSigner» на условиях простой (неисключительной) лицензии на безвозмездной основе только при условии совместного использования «EskhataSigner» с «Эсхата Бизнес». Лицензиар может предоставить Лицензиату право использования «EskhataSigner» с любым другим программным обеспечением в рамках отдельного лицензионного договора.

5.2. Использование «EskhataSigner» разрешается строго на условиях Лицензионного договора. Использование «EskhataSigner» с нарушением и/или невыполнением какого-либо из условий Лицензионного договора запрещено.

5.3. Права и способы использования «EskhataSigner», в явном виде не предоставленные и/или не разрешенные Лицензиату в соответствии с условиями Оферты, считаются не предоставленными и/или запрещенными Лицензиаром.

6. ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТОРОН

**Права Лицензиара:**

6.1. Лицензиар вправе размещать в «EskhataSigner» любые информационные и/или рекламные материалы и ссылки на интернет-сайты третьих лиц, а также предоставлять право использования «EskhataSigner» указанным способом третьим лицам по отдельному соглашению.

6.2. В случае нарушения Лицензиатом правил использования «ЭсхатаSigner» ограничить ему доступ или расторгнуть соглашение.

6.3. В одностороннем порядке вносить изменения и дополнения в настоящий соглашении и размещать соглашение с новыми изменениями и дополнениями на место размещение оферты.

**Обязанности Лицензиара:**

6.4. Лицензиар обязан предоставлять Лицензиату технические консультации по использованию «ЭсхатаСигнер»;

6.5. Выполнять других обязательств, вытекающих из настоящего соглашения или законодательства.

**Права Лицензиата:**

6.6. Лицензиат вправе применять «EskhataSigner» по ее прямому функциональному назначению, в целях чего произвести ее установку на Устройства Лицензиата.

6.7. Лицензиат вправе произвести установку «EskhataSigner» на неограниченное число Устройств.

6.8. Получить техническую консультацию по использованию EskhataSigner от Лицензиата.

6.9. Лицензиат не имеет права самостоятельно или с привлечением третьих лиц на следующие действия:

- Декомпилирование, изучение кода, модификацию и изменение «EskhataSigner» или любой её части.
- Передачу полученного по Лицензионному договору права использования «EskhataSigner» любым третьим лицам.
- Упоминание «EskhataSigner» в публикациях, выступлениях и рекламе без ссылки на Лицензиара.
- Изготовление не предусмотренных эксплуатационной документацией экземпляров «EskhataSigner», за исключением резервных, используемых в архивных целях.
- Передачу полученных по Лицензионному договору дистрибутивов «EskhataSigner» любым третьим лицам.
- Удаление или изменение любым способом товарных знаков, промышленных образцов и уведомлений об авторских и любых иных правах, включенных в «EskhataSigner».

**Обязанности Лицензиата:**

6.10. Лицензиат обязан соблюдать авторские права Лицензиара;

6.11. Строго соблюдать требование пункта 6.8. и другие условии настоящего соглашения.

6.12. Самостоятельно ознакомиться с настоящим соглашением и его изменениями, и дополнениями, по месту нахождении оферты.

7. СБОР ИНФОРМАЦИИ И ОБНОВЛЕНИЯ

7.1. «EskhataSigner» взаимодействует с Устройствами Лицензиата. Устанавливая «EskhataSigner», Лицензиат соглашается с возможностью осуществления «EskhataSigner» запросов к программному и аппаратному обеспечению Устройств Лицензиата и передачу Лицензиару и/или в обслуживающий Лицензиата банк информации, описанной в технической документации к «EskhataSigner», включая, но не ограничиваясь:

- IP и MAC-адрес.
- Используемые антивирусные программы.
- Версия операционной системы.
- Установленная версия «EskhataSigner».
- Сетевое название Устройств
- Информация об ошибках в работе.

7.2. Лицензиат подтверждает и соглашается с тем, что Лицензиар может получать, хранить, обрабатывать и предоставлять третьим лицам данные, полученные в соответствии с настоящим разделом Оферты, для целей дальнейшего технического совершенствования «EskhataSigner», а также для повышения уровня информационной безопасности в программном обеспечении, разработанном Лицензиаром.

7.3. Лицензиат подтверждает и согласен с условиями автоматического обновления «EskhataSigner» по мере выпуска новых версий.

## 8. ОГРАНИЧЕНИЕ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

8.1. «EskhataSigner» поставляется по принципу «как есть», то есть Лицензиар не гарантирует, что «EskhataSigner» не содержит ошибок, а также Лицензиар ни при каких обстоятельствах не предусматривает никакой компенсации за любые возможные убытки Лицензиата, сотрудников Лицензиата и любых других третьих лиц, включая любые потери прибыли, потери накоплений или другие убытки вследствие аварийных ситуаций или их последствий, а также убытки, которые могут возникнуть из-за использования или невозможности использования «EskhataSigner», даже если Лицензиар был предварительно уведомлен о возможности таких убытков.

8.2. Лицензиар не несет ответственности за преступные действия третьих лиц, произошедшие из-за несанкционированного доступа к информации Лицензиата.

8.3. Лицензиар не несет ответственности за возможное частичное или полное повреждение, уничтожение информации по причине функционирования «EskhataSigner».

8.4. Лицензиар не несет ответственности за перебои и некачественную работу сети Интернет, каналов связи и сети электропитания.

8.5. Лицензиар не несет ответственности за ошибки в прикладном программном обеспечении, а также за результаты работы любых других программ, которые могут повлиять на безопасность и функционирование «EskhataSigner».

8.6. Лицензиар не несет ответственности за полные или частичные сбои и ошибки в функционировании «EskhataSigner», связанные с ошибками Лицензиата, представителей Лицензиата и любых других третьих лиц, допущенными в процессе установки, настройки или эксплуатации «EskhataSigner».

8.7. Стороны несут ответственность за неисполнение или ненадлежащее исполнение обязательств по Лицензионному договору в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан.

8.8. Все споры, возникающие из настоящего Лицензионного договора или в связи с ним, Стороны договариваются разрешать путем переговоров. Если Стороны не смогут достигнуть соглашения, то такие споры и разногласия подлежат разрешению в Экономическом суде, а в случае спора с физическими лицами - в суде общей юрисдикции по месту нахождения Лицензиара.

8.9. В случае несвоевременного исполнения, грубого поведения и других действий сотрудников Лицензиара, приводящих к снижению качества обслуживания и нарушения прав Лицензиата, Лицензиат может обратиться в Банк по номеру 808 или по электронной почте shikoyat@eskhata.tj.

8.10. Лицензиат может связаться с ответственным отделом обслуживания Лицензиара по телефону **+ 992 44 6000600** или короткому номеру **808**.

9. АНТИКОРРУПЦИОННАЯ ОГОВОРКА

9.1. Стороны обязуются, что неукоснительно будут выполнять требования законодательства Республики Таджикистан “О борьбе с коррупцией”. Стороны осведомлены и утверждают, что за совершение коррупционных деяний существует уголовная, административная, гражданская и дисциплинарная ответственность.

9.2. Каждая Сторона настоящего соглашения гарантирует и утверждает, что ни с его стороны, ни со стороны руководства или сотрудника, или другого ответственного лица в целях заключения соглашения и его действия не предложит/не потребует/не пообещает другой стороне денежных средств, ценных бумаг, любых льгот или иных видов ценных товаров. Стороны обязуются в период действия настоящего соглашения и после него предпринимать необходимые меры по антикоррупционным деяниям.

9.3. В случае нарушения одной из сторон вышеизложенных требований другая Сторона вправе в одностороннем порядке расторгнуть настоящую соглашению.

10. РЕКВИЗИТЫ ЛИЦЕНЗИАРА

Открытое акционерное общество «Банк Эсхата»
Единый идентификационный номер: 5110001371
Лицензия Национального Банка РТ на осуществление банковских операций от 20 мая 2010г. срок действия лицензии - бессрочный.
Адрес местонахождения: Республика Таджикистан, город Худжанд, улица Гагарина 135
ИНН 510004229
Телефон: 44 600-0-600, короткий номер 808

ОФЕРТАИ ОММАВӢ
барои бастани Созишномаи литсензионӣ оид ба додани ҳуқуқ
барои истифодаи барномаи «EskhataSigner»

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд

Санаи ҷойгиркунӣ: 03.05.2022

Санаи пайдо кардани эътибор: 04.05.2022

Таҳрири Оферта: 1.0

Ҷои нашри Оферта: https://eskhata.com/for_entities/business/

## 1. ИСТИЛОҲҲО ВА ШАРҲҲО

Дар матни офертаи мазкур истилоҳҳо ва шарҳҳои зерин истифода мешаванд:

1.1. Оферта - ҳуҷҷати мазкур барои бастани Созишномаи литсензионӣ оид ба додани ҳуқуқ барои истифодаи барномаи «EskhataSigner» мебошад, ки дар ҷои нашри Оферта ҷойгир шудааст.

1.2. Литсензиар - ҶСК «Бонки Эсхата», ки реквизитҳо ва маълумоти тамосии он дар фасли 8 -и Оферта нишон дода шудаанд.

1.3. Литсензиат - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки Офертаро қабул кардааст.

1.4. Барномаи «EskhataSigner» («EskhataSigner») - маҷмӯи воситаҳои барномавӣ, ки вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои техникии "EskhataSigner" тавсифшударо амалӣ мекунанд. Ҳуқуқҳои истисноӣ ба «EskhataSigner» ба ҶСК «Бонки Эсхата» тааллуқ доранд.

1.5. Барномаи «Эсхата Бизнес» («Эсхата Бизнес») - маҷмӯи воситаҳои барномавӣ, ки дар минтақаи Литсензиат ва бонке, ки дар он ба Литсензиат хизмат расонида мешавад, насб карда мешаванд, ки вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои техникии «Эсхата Бизнес» тавсифшударо амалӣ мекунанд.

1.6. Литсензия – ҳуқуқи истифодаи «EskhataSigner» дар таркиби бо Оферта муайяншуда, ки аз ҷониби Литсензиар ба Литсензиат тибқи шартҳои иҷозатномаи оддӣ (ғайри истисноӣ) дода мешавад.

1.7. Созишномаи литсензионӣ – созишномаи байни Литсензиар ва Литсензиат оид ба додани ҳуқуқи истифодаи «EskhataSigner», ки тавассути қабули Оферта баста мешавад.

1.8. Қабули Оферта – қабули пурра ва бечунучарои Оферта бо роҳи анҷом додани амалҳои дар фасли 3-и Оферта зикргардида.

1.9. Тарафҳо, Тараф – дар якҷоягӣ ва ё алоҳидагӣ Литсензиар ва Литсензиат номида мешаванд.

1.10. Дастгоҳ - компютер, смартфон ё дигар дастгоҳҳо, ки барои насб ва ба кор андохтани "EskhataSigner" имкон медиҳанд.

## 2. ОФЕРТАИ ОММАВӢ

2.1. Матни дар поён овардашуда мутобиқи моддаи 467-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон офертаи оммавӣ мебошад.

2.2. Офертаи мазкур пешниҳодест, ки дорои тамоми шартҳои асосии шартнома мебошад ва ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои бастани Созишномаи литсензионӣ бо шартҳои дар зер овардашуда равона шудааст.

2.3. Бо истифода аз "EskhataSigner" бо ҳар роҳ, Литсензиат розӣ мешавад, ки:

- Литсензиат пешакӣ бо шартҳои Оферта пурра пеш аз истифодаи «EskhataSigner» шинос шудааст.

- Оғози истифодаи "EskhataSigner" аз ҷониби Литсензиат дар ҳама гуна шакл маънои онро дорад, ки Литсензиат ҳамаи шартҳои Офертаро бе ягон истисно ва маҳдудиятҳо аз ҷониби Литсензиат пурра қабул мекунад. Истифодаи "EskhataSigner" бо шартҳои дигар иҷозат дода намешавад.
- Агар Литсензиат бо шартҳои Оферта розӣ набошад ё ин ки ҳуқуқи бастани Созишномаи литсензионӣ надошта бошад, Литсензиат бояд ҳама гуна истифодаи "EskhataSigner"-ро фавран қатъ кунад, мундариҷаи "EskhataSigner" ва тамоми қисмҳои онро дар дастгоҳи худ нест кунад ва ба ҳеҷ ваҷҳ "EskhataSigner"-ро истифода набарад.
- Оферта (аз ҷумла, ҳамаи қисмҳои он) метавонад аз ҷониби Литсензиар бидуни огоҳии махсус тағйир дода шавад. Таҳрири нави Оферта аз лаҳзаи ҷойгир намудани он дар ҷои нашри Оферта эътибор пайдо мекунад, агар дар таҳрири нави Оферта тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.
- Литсензиат эътироф мекунад, ки ҳеҷ як банди Офертаи мазкур маънои ба Литсензиат додани (пешниҳоди) ҳуқуқҳои дигар ба "EskhataSigner"-ро надорад, ба истиснои ҳуқуқи истифода бо усулҳои пешбининамудаи Оферта.

3. ҚАБУЛИ ОФЕРТА ВА БАСТАНИ СОЗИШНОМАИ ЛИТСЕНЗИОНӢ

3.1. Қабули Оферта тавассути нусхабардорӣ (зеркашӣ) "EskhataSigner" ва насби он дар дастгоҳи Литсензиат амалӣ карда мешавад.

3.2. Қабули Оферта инчунин ифодаи розигии Литсензиат бо шартҳои Оферта бо гузоштани аломати ("қайд") дар ҳошияи дахлдор ҳангоми насби "EskhataSigner" дар дастгоҳи Литсензиат ба ҳисоб меравад.

3.3. Созишнома аз лаҳзаи аксепти оферта аз ҷониби Литсензиат басташуда ҳисобида мешавад ва қувваи амал пайдо мекунад.

4. ҲУҚУҚҲОИ ИСТИСНОИИ ЛИТСЕНЗИАР

4.1. "EskhataSigner" дар маҷмӯъ ва барномаҳои компютерии ба он дохилшаванда ё якҷоя истифодашаванда, базаи маълумотҳо, маълумотномаҳо ва дигар маводҳои матнӣ, тасвирҳо ва дигар объектҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ ва/ё вобаста ба он, инчунин объектҳои ҳуқуқҳои патентӣ, тамғаҳои молӣ, номҳои тиҷоратӣ ва номҳои фирмавӣ, инчунин, дигар қисмҳои "EskhataSigner" (новобаста аз он, ки онҳо ба таркиби онҳо дохил мешаванд ё ҷузъҳои иловагӣ мебошанд ва оё аз таркиб баровардан ва мустақилона истифода бурдани онҳо имконпазир аст) дар алоҳидагӣ (минбаъд - Объектҳои моликияти зеҳнӣ), тибқи Қисми III, фасли V, моддаи 1126-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда шудаанд ва ба Литсензиар дар шакли ҳуқуқи истисноӣ тааллуқ доранд, агар дар огоҳинома дар бораи ҳуқуқҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

4.2. Литсензиар ҳуқуқҳои истисноиро ба ҳама гуна натиҷаҳои коркарди (тағйир додани) объектҳои моликияти зеҳнӣ нигоҳ медорад ва ҳуқуқ дорад иҷозати истифодаи онҳоро дар ҳар вақт бо салоҳдиди худ бидуни ҷуброни ягон хароҷот аз Литсензиат бозхонд намояд.

5. ИҶОЗАТНОМА

5.1. Литсензиар ба Литсензиат хуқуқи истифодаи "EskhataSigner"-ро тибқи шартҳои иҷозатномаи оддӣ (ғайриистисноӣ), танҳо ба шарти истифодаи якҷояи "EskhataSigner" бо "Эсхата Бизнес" ройгон пешниҳод менамояд. Литсензиар метавонад ба Литсензиат ҳуқуқи истифодаи «EskhataSigner»-ро бо ҳама гуна таъминоти барномавӣ дар доираи созишномаи литсензионии алоҳида пешниҳод намояд.

5.2. Истифодаи "EskhataSigner" қатъиян тибқи шартҳои Созишномаи литсензионӣ иҷозат дода мешавад. Истифодаи "EskhataSigner" бо вайрон кардан ва/ё иҷро накардани яке аз шартҳои Созишномаи литсензионӣ манъ аст.

5.3. Ҳуқуқ ва усулҳои истифодаи "EskhataSigner", ки тибқи шартҳои Оферта ба Литсензиат ба таври возеҳ пешниҳод нашудаанд ва/ё иҷозат дода нашудаанд, аз ҷониби Литсензиар доданашуда ва/ё манъшуда ҳисобида мешаванд.

6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**Ҳуқуқҳои Литсензиар:**

6.1. Литсензиар ҳуқуқ дорад дар "EskhataSigner" ҳама гуна маълумот ва/ё маводҳои рекламавӣ ва истинод ба интернет-сомонаҳои шахсони сеюмро ҷойгир кунад, инчунин, тибқи созишномаи алоҳида ҳуқуқи истифодаи "EskhataSigner"-ро бо усули зикргардида ба шахсони сеюм диҳад.

6.2. Дар ҳолати аз ҷониби Литсензиат вайрон шудани қоидаҳои истифодабарии "EskhataSigner", дастрасии онро маҳдуд кунад ва ё созишномаро қатъ намояд.

6.3. Ба созишномаи мазкур яктарафа тағйироту иловаҳо ворид намояд ва созишнома бо тағйироту иловагиҳои навро дар ҷои ҷойгиршавии оферта ҷойгир намояд.

**Уҳдадориҳои Литсензиар:**

6.4. Литсензиар уҳдадор аст, ки ба Литсензиар дар истифодабарии "EskhataSigner" машварати техникӣ диҳад;

6.5. Дигар уҳдадориҳое, ки аз созишномаи мазкур ва ё қонунгузорӣ бар меоянд, иҷро намояд.

**Ҳуқуқҳои Литсензиат:**

6.6. Литсензиат ҳуқуқ дорад «EskhataSigner»-ро бо таъиноти бевоситаи функсионалии худ истифода барад, то онро дар дастгоҳҳои Литсензиат насб кунад.

6.7. Литсензиат ҳуқуқ дорад "EskhataSigner"-ро дар шумораи номаҳдуди дастгоҳҳо насб кунад.

6.8. Оид ба истифодаи "EskhataSigner" аз Литсензиар машварати техникӣ гирад.

6.9. Литсензиат мустақилона ё бо ҷалби шахсони сеюм ба амалҳои зерин ҳуқуқ надорад:

- Декомпилятсия, омӯзиши рамз, тағйир додан ва дигаргун кардани "EskhataSigner" ё ягон қисми он.
- Ба ҳама гуна шахсони сеюм додани ҳуқуқи истифодаи "EskhataSigner", ки тибқи Созишномаи литсензионӣ гирифта шудааст.
- Зикри "EskhataSigner" дар нашрияҳо, баромадҳо ва реклама бидуни истинод ба Литсензиар.
- Омода намудани нусхаҳои "EskhataSigner", ки дар ҳуҷҷатҳои истифода пешбинӣ нашудаанд, ба истиснои нусхаҳои захиравӣ, ки барои мақсадҳои бойгонӣ истифода мешаванд.
- Додани дистрибутивҳои тибқи Созишномаи литсензионӣ гирифташудаи "EskhataSigner" ба ҳама гуна шахсони сеюм.
- Бо ҳар роҳ хориҷ намудан ё тағйир додани тамғаҳои молӣ, намунаҳои саноатӣ ва огоҳиномаҳо дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳама гуна ҳуқуқҳои дигаре, ки ба "EskhataSigner" дохил карда шудаанд.

**Уҳдадориҳои Литсензиат:**

6.10. Литсензиат уҳдадор аст, ки ҳуқуқҳои муаллифии Литсензиарро риоя намояд;

6.11. Талаботи банди 6.8. ва дигар шартҳои созишномаи мазкурро қатъиян риоя намояд.

6.12. Бо созишномаи мазкур ва тағйироту иловагиҳои он, мустақилона аз ҷои ҷойгиршавии оферта, шинос шавад.

7. ҶАМЪОВАРИИ МАЪЛУМОТ ВА НАВСОЗИҲО

7.1. "EskhataSigner" бо дастгоҳҳои Литсензиат якҷоя амал мекунад. Бо насб кардани "EskhataSigner", Литсензиат бо имконияти тавассути «EskhataSigner» анҷом додани дархостҳо ба таъминоти барномавӣ ва аппаратии дастгоҳҳои Литсензиат ва ба Литсензиар ё бонки ба Литсензиат хизматрасонанда додани маълумоти дар ҳуҷҷатҳои техникии "EskhataSigner" тавсифшуда, розӣ мешавад, аз ҷумла¸ вале бе маҳдудият:

- IP ва MAC-суроға.

- Барномаҳои антивирусии истифодашаванда.
- Версияи низоми амалиётӣ.
- Версияи насбшудаи "EskhataSigner".
- Номи шабакавии дастгоҳҳо
- Маълумот дар бораи хатогиҳо дар кор.

7.2. Литсензиат тасдиқ мекунад ва розӣ мешавад, ки Литсензиар метавонад маълумоти тибқи фасли мазкури Оферта гирифташударо ба шахсони сеюм бо мақсади такмили минбаъдаи техникии "EskhataSigner", инчунин, баҳри баланд бардоштани сатҳи амнияти иттилоотӣ дар таъминоти барномавии таҳиянамудаи Литсензиар қабул, нигоҳдорӣ, коркард ва пешниҳод намояд.

7.3. Литсензиат шартҳои навсозии автоматии "EskhataSigner"-ро бо нашри версияҳои нав тасдиқ менамояд ва бо он розӣ аст.

## 8. МАХДУДИЯТИ МАСЪУЛИЯТ

8.1. "EskhataSigner" аз рӯи принсипи "чуноне ки ҳаст" пешниҳод карда мешавад, яъне Литсензиар кафолат намедиҳад, ки "EskhataSigner" дорои хатогиҳо нест, инчунин, Литсензиар дар ҳеҷ ваҷҳ ягон ҷуброни зарари эҳтимолии Литсензиат, кормандони Литсензиат ва дигар шахсони сеюм, аз ҷумла, ҳама гуна аз даст додани фоида, аз даст додани пасандозҳо ё дигар талафот дар натиҷаи ҳолатҳои садамавӣ ё оқибатҳои онҳо, инчунин талафотеро, ки метавонанд дар натиҷаи истифода ё имконнопазирии истифодаи "EskhataSigner" ба амал оянд, пешбинӣ намекунад, ҳатто агар Литсензиат қаблан дар бораи эҳтимолияти чунин талафот огоҳ карда шуда бошад.

8.2. Литсензиар барои амалҳои ҷиноии шахсони сеюм, ки дар натиҷаи дастрасии беиҷозат ба маълумоти Литсензиат рӯй додаанд, ҷавобгар нест.

8.3. Литсензиар барои вайроншавии эҳтимолии қисман ё пурра, нобудшавии маълумот дар натиҷаи кори "EskhataSigner" масъул нест.

8.4. Литсензиар барои қатъшавӣ ва кори сусти Интернет, шабакаҳои алоқа ва шабакаи таъминоти барқ масъул нест.

8.5. Литсензиар барои хатогиҳо дар таъминоти барномавии таҷрибавӣ, инчунин, барои натиҷаҳои кори ҳама гуна барномаҳои дигар, ки метавонанд ба бехатарӣ ва кори "EskhataSigner" таъсир расонанд, масъул нест.

8.6. Литсензиар барои носозиҳои пурра ё қисман дар кори "EskhataSigner", ки бо хатогиҳои Литсензиат, намояндагони Литсензиат ва дигар шахсони сеюм алоқаманданд, ки ҳангоми насб, танзим ё истифодаи "EskhataSigner" роҳ дода шудаанд, масъул нест.

8.7. Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба Созишномаи литсензионӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

8.8. Ҳамаи баҳсҳое, ки аз Созишномаи литсензионии мазкур ё вобаста ба он бармеоянд, Тарафҳо ба мувофиқа мерасанд, ки бо роҳи гуфтушунид ҳал мекунанд. Агар тарафҳо ба созиш наоянд, пас ин гуна баҳсҳо ва ихтилофҳо бояд дар Суди иқтисодӣ ва дар сурати ба миён омадани баҳс бо шахсони воқеӣ — дар суди умумии маҳалли ҷойгиршавии Литсензиар ҳал карда мешаванд.

8.9. Дар ҳолати аз ҷониби кормандони Литсензиар, саривақт иҷро накардан, дағалона рафтор намудан ва дигар кирдорҳое, ки ба пастшавии сифати хизматрасонӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои Литсензиат оварда мерасонад, Литсензиат метавонад тариқи рақами **808** ва ё почтаи электронии [shikoyat@eskhata.tj](mailto:shikoyat@eskhata.tj) ба Бонк муроҷиат намояд.

8.10. Литсензиат метавонад тавассути рақами телефонии **+992 44 6000600** ё рақами кӯтоҳи **808** ба сохтори масъули хизматрасони Литсензиар, ки бо мизоҷон корбарӣ менамояд, муроҷиат намояд.

## 9. ТАЛАБОТҲОИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

9.1. Тарафҳо уҳдадоранд, ки талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди коррупсияро бе чунну чаро риоя намояд. Тарафҳо огоҳ ҳастанд ва тасдиқ менамоянд, ки барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, граждани ва интизомӣ вуҷуд дорад.

9.2. Ҳар як тарафи созишномаи мазкур кафолат ва тасдиқ менамояд, ки на худи тараф, на роҳбарият ва ё кормандон ва дигар шахсони масъули онҳо бо мақсади бастани созишнома ва амали он, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, ягон намуди имтиёз ва ё дигар намуди молҳои арзишнок пешниҳод/талаб/ваъда надодаанд. Тарафҳо дар давоми амали созишномаи мазкур ва баъд аз он ҳам уҳдадоранд чораҳои заруриро барои содир нашудани кирдорҳои коррупсионӣ андешанд.

9.3. Дар ҳолати аз ҷониби яке аз Тараф вайроншудани талаботи дар боло қайдшуда Тарафи дигар ҳуқуқ яктарафа қатъ намудани созишномаро дорад.

10. НИШОНИҲОИ ЛИТСЕНЗИАР

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата»
Рақами ягонаи мушаххас: 5110001371
Иҷозатномаи Бонки миллии ҶТ барои анҷомдиҳии амалиётҳои бонкӣ аз 20 майи соли 2010, муҳлати иҷозатнома - бемуҳлат.
Суроғаи ҷойгиршавӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135
РМА 510004229
Телефон: 44 600-0-600, рақами кӯтоҳ 808